«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
директори Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ,
доктори илми филология, профессор
______ Шарифзода Ф.Х.

«09» ноябри соли 2022

ТАҚРИЗИ

**муассисаи пешбар ба диссертатсияи номзадии Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович дар мавзуи «Мақоми Ғафур Мулло дар ҳавзаи адабии Хатлон (солҳои 40-90-уми асри XX)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ**

Адабиёти нимаи дуюми асри XX, махсусан солҳои 50-90-уми он, аз марҳалаҳои муҳим ва пурбори адабиёти муосири тоҷик маҳсуб меёбад. Дар ин давра руҳи миллӣ ва ҷанбаи худшиносии адабиёти бадеӣ тақвият ёфта, адибон дар осори худ масъалаҳои масъулияти ватандорӣ ва ифтихори миллиро беш аз пеш мавриди тавсиф қарор додаанд. Аз ҷумла, намояндагони ҳавзаи адабии Хатлон дар ин давра бештар ба тарғибу ташвиқи ғояҳои ватандӯстӣ ва ифтихори миллӣ машғул гардидаанд.

Дар иртибот ба ҳамин гуфтаҳо, дар диссертатсияи Раҳмонов Маҳмурод қайд шудааст, ки «Мавзуъ ва мундариҷаи ашъори Ғафур Мулло бештар ба масъалаҳои иҷтимоӣ бахшида шуда, шоир ба василаи каломи мавзун бисёр масъалаҳои муҳимми зиндагӣ, аз қабили муҳаббат ба халқу ватан, арҷгузорӣ аз заҳматҳои падару модар, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва бойигариҳои табиӣ, васфи табиати зебои диёр, доштани ахлоқи ҳамидаи инсонӣ ва ғайраро ба миён мегузорад ва ба ҳамин васила, кӯшиш менамояд, ки дар тарбияи ахлоқӣ ва ҳисси худшиносии хонандаи худ саҳм гузорад» (Диссертатсия, саҳ. 120).

Кори диссертатсионии Раҳмонов Маҳмурод, ки ба таҳқиқи рӯзгор, фаъолияти эҷодӣ, махсусияти шаклию мундариҷавии осор ва забону сабки нигорандагии яке аз адибони ношинохта, вале боистеъдоди ҳавзаи адабии Хатлон дар солҳои 40-90-уми асри гузашта – Ғафур Мулло (1922 - 1992) бахшида шудааст, барои пур кардани яке аз холигиҳои илми адабиётшиносии имрӯзаи тоҷик мусоидат хоҳад намуд.

Навгонии таҳқиқ дар он зоҳир мегардад, ки диссертатсияи мавриди назар дар адабиётшиносии тоҷик ягона пажуҳиши муфассали илмиест, ки ба ҳаёт ва эҷодиёти Ғафур Мулло бахшида шуда, дар он зиндагинома, осори адабӣ, мавзую мундариҷа ва забону услуби ашъори шоир ба таври мукаммалу муфассал таҳлилу таҳқиқ шудааст.

Аҳамияти назарии диссертатсия дар он аст, ки он ба омӯзишу пажуҳиши масъалаҳои камомӯхтаи адабиёти навини тоҷик, дар мисоли рӯзгор ва осори Ғафур Мулло, мусоидат намуда, боиси равшанӣ андохтан ба фаъолияти доираи адабии Хатлон дар солҳои 40-90-уми асри гузашта мегардад.

Аҳамияти амалии таҳқиқот бо он собит мегардад, ки маводи диссертатсияро метавон зимни таълифи фаслу бобҳои гуногуни китобҳои дарсии таърихи адабиёти муосири тоҷик, дастурҳои таълимӣ, мақола ва рисолаҳои илмӣ истифода намуд.

Диссертатсияи Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович таҳти мавзуи «Мақоми Ғафур Мулло дар ҳавзаи адабии Хатлон (солҳои 40-90-уми асри XX)» аз муқаддима, се боб, ҳашт фасл, хулоса ва феҳрасти адабиёти истифодашуда иборат мебошад.

Дар муқаддима мубрамӣ ва зарурати баргузории таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши он, ҳадафи таҳқиқ, мавзуъ, масъалаҳо ва соҳаи таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқ ва аҳамияти назариву амалии он, инчунин нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда мувофиқи талабот баён гардида, саҳми шахсии муаллиф дар таҳқиқи мавзуи мазкур муайян карда шудааст.

Боби якуми диссертатсия «**Нақши ҳавзаи адабии Хатлон дар тарбияи суханварон ва ҷойгоҳи шоир Ғафур Мулло дар пешрафти он**» ном дошта, аз се фасл иборат аст. Дар фасли якуми боби I ҳавзаи адабии Хатлони солҳои 40-90-уми асри XX ва хосса доираи адабии Вахшонзамин, ки то имрӯз доир ба ин ҳавзаи адабӣ ягон таҳқиқоти мукаммали илмӣ рӯйи кор наомадааст, мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст.

Фасли дуюми боби якуми диссертатсия ба таҳқиқи ҷараёни зиндагӣ, марҳилаҳои фаъолияти корию эҷодии Ғафур Мулло бахшида шудааст. Аз кори диссертатсионии муҳаққиқ бармеояд, ки ӯ баҳри барқарор намудани зиндагиномаи Ғафур Мулло заҳмати зиёд кашида, тавонистааст, дар заминаи таҳқиқоту пажуҳиши судманд зиндагиномаи Ғафур Муллоро барқарор намояд.

Дар фасли сеюми ҳамин боб мероси адабии шоир таҳқиқу баррасӣ гардидааст. Аз мутолиаи ин бахши рисола маълум мегардад, ки диссертант баҳри барқарор намудани фаъолияти эҷодӣ ва осори бамеросгузоштаи шоир таҳқиқоти зарурӣ анҷом додааст.

Роҷеъ ба ин масъала дар рисола чунин ҳисоботи оморӣ дода шудааст: «Осори Ғафур Мулло аз рӯйи миқдор ва анвои шеърӣ: чаҳорпораҳо 169 (1548 байт), фардбайтҳо 40 (80 байт), ғазалиёт 38 (217 байт), рубоиёт 216 (432 байт), дубайтиҳо 85 (170 байт), шеърҳои ҳаҷвӣ 53 (388 байт), шеърҳои бачагона 46 (307 байт) ададро ташкил дода, дар маҷмуъ, мероси адабии шоир 3142 байтро дар бар мегирад» (Диссертатсия, саҳ. 75-76).

Дар маҷмуъ, диссертант Маҳмурод Раҳмонов ҳар як фасли боби мазкурро ба таври алоҳида бо муҳокимаҳои судманди илмӣ баррасию ҷамъбаст намудааст.

Боби дуюми диссертатсия «**Вижагиҳои мундариҷа ва шакл дар ашъори шоир**» унвон гирифта, дар он мавзуъ ва мундариҷаи ғоявӣ, мавқеи ашъори ҳаҷвӣ ва махсусияти ашъори бачагонаи Ғафур Мулло таҳқиқ шудааст.

Чӣ тавре ки дар рисола қайд гардидааст: «Дар ашъори шоир мавзуъҳои модар, Ватану ватандӯстӣ, ҷанг ва сулҳ, ишқ, шеъру шоирӣ, васфи табиат мақоми хосса доранд» (Диссертатсия, саҳ. 78). Ҳамчунин яке аз корҳои муваффақонаи унвонҷӯ дар ин қисмати кор дар он аст, ки ӯ оид ба мавзуъҳои мазкур аз ашъори шоир мисолҳо оварда, онҳоро таҳлили мазмунию ғоявӣ намудааст.

Қисмати дигари ин бахши рисола ба таҳқиқи ашъори ҳаҷвию мутоибаомези Ғафур Мулло бахшида шудааст. Дар ин хусус дар рисола қайд шудааст, ки: «Мавқеи ҳаҷв дар ашъори Ғафур Мулло, ки аз солҳои 50-уми асри гузашта ба майдони эҷод ворид гардида, ҳатто аз рӯзҳои нахустини эҷодӣ ба офаридани осори ҳаҷвӣ маъруфияти хосса касб кардааст, мақоми хосса дорад» (Диссертатсия, саҳ. 97). Ҳамчунин унвонҷӯ дар идомаи ин фасли рисола аз номи адибоне, ки ба ашъори ҳаҷвии Ғафур Мулло баҳои судманд додаанд, ёдовар шудааст. Аз мазмуну муҳтавои осори ҳаҷвии Ғафур Мулло маълум мегардад, ки ҳадафи шоир инъикоси камбудию норасоиҳои рӯзгор, хислатҳои ношоистаю ноошнои одамӣ ва дигар нуқсонҳои ҷомеа мебошад. Аз таҳқиқи ин бахши рисола бармеояд, ки Ғафур Мулло дар офаридани осори ҳаҷвӣ низ дасти тавоно доштааст.

Дар фасли сеюми боби дуюми диссертатсия ашъори бачагонаи шоир аз ҷиҳати забону услуб, ифодаву баён ва дигар қавоиди шеърӣ таҳқиқ шудааст. Дар ин фасли рисола низ, чун анъана, муҳаққиқ андешаҳои адибону олимонеро, ки ба ашъори бачагонаи Ғафур Мулло баҳои судманд додаанд, ҳамчун далел оварда, ба гуфтаҳои худ тақвият бахшидааст. Ҳамчунин унвонҷӯ баъзе аз шеърҳои бачагонаи шоирро низ порча - порча оварда, онҳоро таҳлили мавзуиву ғоявӣ намудааст.

Унвонҷӯ Маҳмурод Раҳмонов қайд намудааст, ки: «Мавзуъ ва мундариҷаи ашъори бачагонаи Ғафур Мулло ҷолибу муассир буда, ҳар як байти шеъраш бачаҳоро ба хондани китоб, ҳунаромӯзӣ ва таълиму тарбияи шоиста гирифтан ҳидоят мекунад» (Диссертатсия, саҳ. 119).

Боби сеюми диссертатсия **«Хусусиятҳои услубӣ ва бадеии осори Ғафур Мулло»** унвонгузорӣ шуда, аз ду фасл иборат аст.

Фасли якуми боби III **«Забон ва тарзи баёни ашъори Ғафур Мулло»** ном дошта, муҳаққиқ дар ин фасли рисола вижагиҳои забонӣ ва сабкии шеъри шоирро таҳлилу баррасӣ намудааст. Яке аз муваффақиятҳои кори диссертатсионии унвонҷӯ Маҳмурод Раҳмонов дар ин бахши рисола дар он аст, ки ӯ тавонистааст, аз ашъори Ғафур Мулло гӯйишҳои мардумӣ ва махсусан, мақолу зарбулмасалҳои халқиро гирдоварӣ намуда, мавриди таҳқиқу пажуҳиш қарор диҳад. Аз таҳқиқи унвонҷӯ бармеояд, ки Ғафур Мулло аз зумраи донандагони хуби каломи бадеӣ ба ҳисоб рафта, аз захираи луғавии забони миллати хеш дар осораш ба таври васеъ истифода намудааст.

Фасли дуюми боби III **«Хусусиятҳои бадеии ашъори шоир»** ном гирифта, дар ин қисмати рисола диссертант Раҳмонов Маҳмурод махсусияти бадеии ашъори шоир, аз ҷумла мавқею корбасти воситаҳои тасвири бадеиро дар ашъори шоир мавриди таҳқиқ қарор додааст. Аз ҷумла, дар диссертатсия қайд гардидааст, ки: «Ғафур Мулло барои баландмазмуну пурмуҳтаво ва дилошӯбу дилпазир гардидани шеъраш аз санъатҳои бадеии ташбеҳ, муболига, тавсиф, сифатчинӣ ё тансиқи сифот, тазод ва муқобала, суолу ҷавоб, таҷоҳули ориф, талмеҳ, ташхис, ирсоли масал, тазмину таҷнис ва ғайраҳо истифода намудааст» (Диссертатсия, саҳ. 169).

Дар маҷмуъ, боби мазкур яке аз бобҳои муфассал ва комили рисола ба ҳисоб рафта, аз истиқлоли фикрӣ ва маҳорати хуби эҷодии муҳаққиқ дарак медиҳад.

Диссертант дар хулосаи рисола ба таври мушаххас маҷмуи мабоҳиси оростаи хешро дар 14 банд ҷамъбандӣ кардааст. Дар баробари ин, зикри теъдоди фаровони сарчашмаҳои илмию адабӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки муаллиф ба мавзуъ огоҳона ва бо дарки масъулияти баланди илмӣ таваҷҷуҳ намудааст.

Дастабандии мавзуоти мавриди баррасӣ ва меҳварҳои аслии барои дифоъ манзуршаванда, тарҳи бобу фаслҳои диссертатсия худ гувоҳ бар он аст, ки муаллифи он доираи васеи масоили марбут ба мавзуи диссертатсияро мавриди таҳқиқ қарор додааст, ки бо равишҳои тоза ва дидгоҳҳои нави илмӣ сурат гирифтаанд.

Дар баробари ин дастовардҳои илмӣ дар диссертатсия бархе камбудиву норасоиҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо, ба андешаи мо, боиси боз ҳам афзудани арзиши илмии тадқиқоти мавриди назар мегарданд:

1. Дар диссертатсия нуктаҳои танқидӣ камтар ба назар мерасанд. Маълум аст, ки кори илмии ба таҳқиқоти фаъолияти эҷодии шоирон бахшидашуда набояд танҳо аз таърифу тавсиф иборат бошад. Кори илмӣ аслан бояд хусусияти интиқодӣ дошта, ҳусну қубҳи осори адабиро баробар дар бар гирад. Диссертант имконият дошт, ки ба навоқиси назарраси вазнии шеъри шоир ва ё заъфи таълиф, ки дар баъзе аз шеърҳои ӯ мушоҳида мешаванд, бештар таваҷҷуҳ менамуд.

2. Масоили мавриди таҳқиқ дар баъзе фаслҳои диссертатсия кӯтоҳтар ва дар баъзеи онҳо ба таври васеъ баррасӣ гардидаанд, ки аз ин сабаб ҳаҷми рисола зиёд мебошад.

3. Баъзе аз шеърҳо дар диссертатсия бидуни зарурат ба таври пурра оварда шудаанд, ки ба ин васила низ ҳаҷми рисола зиёд гардидааст.

4. Дар бархе аз қисматҳои диссертатсия услуби илмӣ заъф дошта, хусусияти публитсистӣ нисбат ба хусусияти илмӣ равшантар ба назар мерасад (Диссертатсия, саҳ. 28, 30, 35, 42, 50).

5. Дар диссертатсия мавҷудияти ғалату иштибоҳоти имлоиву техникӣ ҷо - ҷо ба чашм мерасанд, ки рафъи онҳо арзиш ва аҳамияти илмии рисоларо кам намекунанд.

Ба таври умум, камбудиҳои мазкур асосан ҷузъӣ ва ислоҳпазир буда, ҳаргиз арзиш ва аҳамияти илмиву амалии диссертатсияи Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратовичро коҳиш намедиҳанд. Мутолиаи диссертатсия

баёнгари он аст, ки мақсад ва вазифаҳои дар муқаддимаи он гузошташуда асосан иҷро гардида, диссертатсия ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад.

Диссертатсия мазмуни фарогир дошта, муҳтавои он ҳамчун хулоса дар охири фишурдаи рисола бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда шудааст, ки ба мазмуну муҳтавои кор мувофиқати комил дорад. Автореферати диссертатсия мундариҷаи асосии корро дар якҷоягӣ бо 10 адад мақолаи илмии таълифнамудаи муҳаққиқ комилан инъикос мекунанд.

Хулоса, диссертатсияи Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович дар мавзуи «Мақоми Ғафур Мулло дар ҳавзаи адабии Хатлон (солҳои 40-90-уми асри XX)» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик, равобити адабӣ мебошад.

Тақризи муассисаи пешбар дар маҷлиси васеи шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ бо иштироки диссертант Раҳмонов Маҳмурод Бегмуратович баррасӣ ва тасдиқ шудааст.

Дар ҷаласа 10 нафар устодон иштирок намуда, 10 нафар овоз доданд. Натиҷаи овоздиҳӣ: "тарафдор"- 10 нафар, "бетараф"- нест, "муқобил"– нест. Протоколи №8 аз 09.11. 2022.

Раиси ҷаласа:
номзади илми филология, дотсент,
мудири шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ: Беҳрӯзи Забеҳулло
Телефон: (+992) 554 11 68 68

Эксперт:
доктори илми филология,
профессори шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ: Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович

Телефон: (+992) 904 18 66 48

Котиби илмии ҷаласа:
ассистенти шуъбаи адабиёти муосири
Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ: Шерғозиева Дилрабо Рустамовна

Телефон: (+992) 919 06 75 17

Имзоҳои Беҳрӯзи Забеҳулло, Раҳмонов Шоҳзамон ва Шерғозиева Дилрабо Рустамовна тасдиқ мекунам.

Нозири калони шуъбаи кадрҳои
Институти забон ва адабиёти
ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ: Хилола Нарзиқулова

Нишонӣ: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ – 21,
Институти забон ва адабиёти
ба номи Рӯдакии АМИТ
Тел: 2273378; 2277550; 2272426.

www.iza.tarena.tj; iza_rudaki17@mail.ru
«10» ноябри соли 2022.